| № | Таҳлили таъсири танзимкунии<br>лоиҳаи Тартиби ихтиёрдорӣ намудани молу воситаҳои нақлиёти таҳти назорати гумрукӣ қарордошта | |
|---|---|---|
| 1 | Намуд ва номи санади меъёрии ҳуқуқӣ | Тартиби ихтиёрдорӣ намудани молу воситаҳои нақлиёти таҳти назорати гумрукӣ қарордошта |
| 2 | Маълумот дар бораи таҳиякунандаи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ | Хадамоти гумрукии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 3 | Доираи шахсоне, ки санади меъёрии ҳуқуқӣ нисбат ба онҳо паҳн мегардад | Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки дар муносибатҳо вобаста ба ворид намудани молу воситаҳои нақлиётӣ ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон, иштирок менамоянд. |
| 4 | Мухлати қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ | 1 июни соли 2023 |
| 5 | Маълумот дар бораи ҷойгир намудани огоҳинома оид ба таҳияи санади меъёрии ҳуқуқӣ | Огоҳинома дар бораи таҳияи лоиҳаи қарори мазкур дар Феҳристи нақшаи таҳияи лоиҳаи санади маъёрии ҳуқуқии Портали интернетии иттилоотии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон 27 декабри соли 2022 ҷойгир карда шуда, машварати оммавӣ нисбати лоиҳаи қарори мазкур аз 27 декабри соли 2022 то 28 январи соли 2023 гузаронида шуд. |
| 6 | Маҷмӯи таклифҳои аз рӯи натиҷаи ҷойгиронии огоҳинома оид ба омода намудани лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии воридгардида ва хулосаи таҳиякунанда оид ба онҳо | Аз руйи натиҷаи ҷойгиркунии огоҳинома оид ба омода намудани лоиҳаи қарори мазкур аз тарафи мақомоти давлатӣ, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ таклифу пешниҳод ворид нагардидааст. |
| 7 | Тавсифи мушкилот, ки барои ҳал намудани он қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ зарур аст ва | Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар як қатор меъёрҳои ҳаволакунанда (моддаҳои 12, 103, 223 ва 418) муқаррар намудааст, ки молҳои мамнӯъи ба ҳудуди гумрукии Тоҷикистон воридгардида, дар анборҳои |

| | | |
|---|---|---|
| | оқибатҳои эҳтимолии он дар ҳолате, ки агар ягон амал андешида нашавад | нигоҳдории муваққатӣ ва анборҳои гумрукӣ, инчунин, аз ҷониби мақомоти гумрук ҳангоми санҷиши гумрукӣ гирифташуда бо гузашти мӯҳлатҳои муқарраргардидаи нигаҳдорӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи боби 58 Кодекси мазкур ихтиёрдорӣ карда мешаванд.<br>Дар боби 58 Кодекси гумрук бошад, қоидаҳо ва расмиёти дақиқи ихтиёрдорӣ намудани молу воситаҳои нақлиёти мазкур пешбинӣ нашуда, муқаррар гардидааст, ки тартиби мазкур аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.<br>Муайян набудани тартиб, қоидаҳо ва расмиёти ихтиёрдорӣ намудани муҳлати нигоҳдориашон гузашта дар амалияи татбиқи талаботи қонунгузории гумрук якчанд монеа ва мушкилиҳоро пеш овардааст.<br>Аз ҷумла, шумораи зиёди молҳои воридоташон мамнӯъ (масалан, воситаҳои нақлиёти маҷмӯи идоракуниашон аз тарафи рост ва соли бароришашон то соли 2005), ки солҳои қабл аз ҷониби шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба ҳудуди ҷумҳурӣ ворид карда шуда, аз ҷониби онҳо дар муҳлатҳои муқарраршуда бозпас содир карда нашуданд, то имрӯз дар минтақаҳои назорати гумрукӣ бо вайрон гардидани талаботи қонунгузории гумрук қарор доранд.<br>Айни замон мушкили мазкур дар ҳолати татбиқи расмиёти гумрукии нигоҳдории муваққатии молҳо ҷой дорад, ки дар солҳои қабл шумораи зиёди молҳо аз ҷониби субъектҳои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ дар анборҳои нигоҳдории муваққатӣ бо татбиқи расмиёти мазкур ҷойгир карда шуда, барасмиятдарории гумрукии онҳо аз ҷониби субъектҳои мазкур дар муҳлатҳои муқарраршуда бо вайрон гардидани талаботи қонунгузории гумрук анҷом дода нашудаанд. Албатта, шахсони мазкур тибқи талаботи қонунгузории амалкунанда (моддаи 590 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ) сари вақт ба ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҷалб карда шудаанд. Аммо ҳанӯз ҳам бо сабабҳои гуногун (аксаран, бо сабаби барҳам хӯрдани шахсони ҳуқуқии дахлдор) молҳои мазкур дар анборҳои нигаҳдории муваққатӣ бидуни муайян гардидани тақдири минбаъдаи онҳо қарор доранд.<br>Ҳарчанд, ки дар моддаҳои 455 ва 457 Кодекси гумрук |

| | | |
|---|---|---|
| | | салоҳияти мақомоти гумрук дар мавриди ихтиёрдорӣ намудани далелҳои шайъӣ то қабул гардидани қарори суд ва ба соҳиби қонунӣ баргардонидани маблағи фурӯши чунин молу воситаҳои нақлиёт пешбинӣ гардидааст, аммо ҷиҳати иҷрои талаботи моддаҳои мазкур зарур аст, ки тартиб ва расмиёти амалҳо дар ҳолати мазкур бо таҳияи санади меъёрии ҳуқуқии дахлдор, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ мегардад, муайян карда шавад.<br>Агар ягон амал андешида нашавад, муносибатҳо вобаста ба ихтиёрдорӣ намудани молу воситаҳои нақлиёти таҳти назорати гумрукӣ қарордошта, дуруст ба роҳ монда намешаванд. |
| 8 | Ифодаи мақсадҳои дахолати давлат | Лоиҳаи Тартиби ихтиёрдорӣ намудани молу воситаҳои нақлиёти таҳти назорати гумрукӣ қарордошта ҷиҳати иҷрои талаботи моддаҳои 456-457 бо мақсади муайян намудани қоидаҳо ва расмиёти ихтиёрдорӣ намудани молу воситаҳои нақлиёти муҳлати нигаҳдориашон гузашта ва далелҳои шайъии парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, ичунин тартиби ба соҳиби қонунӣ пардохтани маблағи аз фурӯши молу воситаҳои нақлиёт бадастомадаро, ки ба моликияти давлатӣ гузаронида нашудаанд, таҳия гардидааст. |
| 9 | Тавсифи мухтасари лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии пешниҳодшуда, аз ҷумла чораҳои пешбинишудаи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии пешниҳодшуда, ухдадорӣ ва маҳдудиятҳо барои субъектҳои соҳибкорӣ, асоснокkунии интихоби роҳи ҳалли чунин мушкилот | Тартиби ихтиёрдорӣ намудани молу воситаҳои нақлиёти таҳти назорати гумрукӣ қарордошта қоидаҳо ва расмиёти ихтиёрдорӣ намудани молу воситаҳои нақлиёти муҳлати нигаҳдориашон гузашта ва далелҳои шайъии парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, ичунин тартиби ба соҳиби қонунӣ пардохтани маблағи аз фурӯши молу воситаҳои нақлиёт бадастомадаро, ки ба моликияти давлатӣ гузаронида нашудаанд, муайян менамояд.<br>Дар лоиҳа чораҳои зерин пешбинӣ карда мешаванд:<br>-ихтиёрдорӣ намудани молу воситаҳои нақлиёти муҳлати нигаҳдориашон гузашта;<br>-муҳлати ниҳоии нигоҳдории молу воситаҳои нақлиёт;<br>-фурӯши молу воситаҳои нақлиёти таҳти назорати |

| | | |
|---|---|---|
| | | гумрукӣ қарордошта;<br>-ба соҳиби конунӣ пардохтани маблағи аз фурӯши молу воситаҳои наклиёт бадастомада, ки ба моликияти давлатӣ гузаронида нашудаанд;<br>-ихтиёрдорӣ намудани далелҳои шайъии парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва ба соҳиби қонунӣ пардохтани маблағи аз фурӯши онҳо бадастомада, ки ба моликияти давлатӣ гузаронида нашудаанд.<br>Дар лоиҳа уҳдадориҳои зерин барои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ пешибинӣ мегарданд:<br>- пардохти бочҳои гумрукии воридотӣ ва андоз нисбати моли хориҷӣ, ки ба нигоҳдорӣ ва фурӯши онҳо, аз ҷумла, хароҷоти экспертиза ва нархгузорӣ, ки мақомоти гумрук, мақомоти давлатии идораи амволи давлатӣ ва шахсони дигар масраф намудаанд таъмин намоянд;<br>- муҳлати ниҳоии нигоҳдории молҳоро мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардидааст, риоя намоянд.<br>Маҳдудиятҳои зерин дар лоиҳа барои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ пешбинӣ гардидааст:<br>- ба ҳудуди гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид накардани молу воситаҳои нақлиёте, воридоташон ки тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ карда шудааст;<br>- ворид накардани молҳое, ки тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати воридоташон маҳдудияти микдорӣ муқаррар карда шудааст;<br>- молҳое, ки нархи нигаҳдорӣ ва фурӯши онҳо аз арзишашон зиёд аст. |
| 10 | Тавсифи роҳҳои ҳалли мушкилоти баррасишуда (бидуни таҳияи санади меъёрии ҳуқуқӣ) | Бо қабул гардидани лоиҳаи пешниҳодшуда тартиб ва расмиёти амалҳои мақомоти дахлдори давлатӣ дар мавриди ихтиёрдорӣ намудани молу воситаҳои мазкур дақиқ муайян гардида, он ба татбиқи дуруст ва яксони муқаррароти қонунгузории амалкунанда мусоидат |

| | | |
|---|---|---|
| | | хоҳад намуд. Бидуни қабули чунин санади меъёрии ҳуқуқи ҳал намудани мушкилиҳои ҷойдошта, инчунин танзими масъалаи мазкур ғайриимкон мебошад. |
| 11 | Арзёбии муфассали хароҷоти буҷети давлатӣ эҳтимолияти оқибатҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар ҳолати қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ ва ё роҳи дигари интихобшудаи ҳалли мушкилот | Лоиҳаи мазкур хароҷоти иловагии молиявиро аз буҷети давлатӣ талаб наменамояд.<br><br>Оқибатҳои иҷтимоии лоиҳаи мазкур:<br><br>- сатҳи хизматрасониҳои гумрукӣ баланд мегарданд;<br><br>- ихтиёрдорӣ намудани молу воситаҳои нақлиёти таҳти назорати гумрукӣ қарордошта дуруст ба роҳ монда мешавад;<br><br>- пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳои гумрукӣ;<br><br>- ҳимоя ва ҳифзи қонунгузории гумрук ва амнияти он.<br><br>Оқибатҳои иқтисодии лоиҳаи мазкур:<br><br>- рушди иқтисодиёти кишвар;<br><br>- рушди фаъолияти соҳибкории ватанӣ ва хориҷӣ. |
| 12 | Нишондиҳандаҳои арзёбии инкишоф ва даврияти ҷамъоварии он | Тартиб ва расмиёти амалҳои мақомоти дахлдори давлатӣ дар мавриди ихтиёрдорӣ намудани молу воситаҳои мазкур дақиқ муайян гардида ва татбиқи дуруст ва яксони муқаррароти қонунгузории амалкунанда танзим мегардад. |
| 13 | Санаи эҳтимолии мавриди амал қарор додани санади меъёрии ҳуқуқӣ дар сурати қабули он | 1 июни соли 2023 |

Сардори Хадамот Каримзода Х.А.